# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН ПОЯНДА БОД!

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ * * * * №4 (11) 13-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2014, ШАНБЕ



## ҲАМКОРИҲОИ ДУ ҲАМСОЯ РАВНАҚ МЕЁБАД

**Дар арафаи ҳамоиши сарони давлатҳои СҲШ яке аз рӯйдодҳои муҳим ин мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Ислом Каримов маҳсуб меёбад.**

Дар оғози суҳбат Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: "Бешубҳа, муносибот бо Узбекистон барои Тоҷикистон аз афзалиятҳои асосӣ ба шумор меравад". Ҳамчунин таъкид гардид: "Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки мо ба таҳкими муносиботи баробарҳуқуқ бо Узбекистони бародар, тавсиаи арсаҳои ҳамгирой ва густариши робитаҳо дар ҳамаи сатҳу зинаҳо самимона манфиатдорем".

Сарони ҳарду давлат ба таҳким ва рушди муносибатҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамсоягӣ, ки тайи таърихи тӯлонии ҳамзистии мардумони ду кишвар ташаккул ёфтааст, изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Бо таассуф зикр гардид, ки ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвари ҳамсоя аз 300 миллион доллари амрикоӣ дар соли 2007 то ба 2,1 миллион дар соли 2014 коҳиш ёфтааст. Ин дар ҳолест, ки бо назардошти имконоти мавҷуда ҳаҷми солонаи гардиши мол миёни Тоҷикистону Узбекистон метавонад беш аз 500 миллион доллари амрикоиро ташкил диҳад.

Зимни суҳбати созанда, ки дар фазои гарму самимӣ ҷараён гирифт, изҳори боварӣ карда шуд, ки мушкилу монеаҳои мавҷуда аз роҳи рушди муносиботи ду кишвари ҳамсоя, аз ҷумла дар доираи Аҳднома доир ба дӯстии абадӣ, ки соли 2000 ба имзо расида буд, бартараф хоҳанд шуд.

**ДАР ИН ШУМОРА:**

ПЕШНИҲОДИ ПРОФЕССОР ҒАЮРОВ Ш.К. ОИД БА ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНӢ — САҲ. 4-5

ОИД БА АЙНИЯТ ВА ДИАГНОСТИКАИ КРИМИНАЛИСТӢ — САҲ. 4

ҚОНУНИ МАРДУМӢ ВА САРНАВИШТСОЗ — САҲ. 6

## АРМУҒОНИ ИСТИҚЛОЛ

Чист истиқлол, иззат доштан,  
Бар диёри худ муҳаббат доштан.  
Дар замини шуҳрати озодагон,  
Донаи меҳру муҳаббат коштан.

Ҳадяи Яздон биҳишти мо, Ватан,  
Шаҳкитоби сарнавишти мо, Ватан.  
Атри ҷӯи Мулёну накҳаташ,  
Мо зи шеъри Рӯдакӣ бӯидаем.

Мо ҳама аз оби Рӯдак хӯрдаем,  
Мо зи дарди Рӯдакӣ рӯидаем.

Дарси инсонсози ишқи ҷовидон,  
Дарди ширин дарди зебои Ватан  
Дарди ширин дарди миллатофарин.

Ҳадяи Яздон биҳишти мо, Ватан,  
Шаҳкитоби сарнавишти мо, Ватан!!!"

## ИСТИҚЛОЛИЯТ - АСОСИ ШУКУФОИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

**Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлат, комилҳуқуқиву соҳибихтиёрӣ, низоми давлатдорӣ ва бузургии миллат аст, ки сиёсати дохилӣ, хориҷӣ, иқтисодӣ, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоии кишварро ривоҷу равнақ медиҳад. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатии мардуми сарбаланду мутаммадини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кард.**

САҲ. 5



# ИСТОРИЯ СОЗДАНИЯ НЕМЕЦКО-ТАДЖИКСКОГО СЛОВАРЯ



Уже в XVIII - начале XIX века немецкие филологи установили, что таджикский и немецкий языки являются родственными. Они принадлежат к одной индоевропейской группе языков. В таджикском и немецком языках существуют слова, явно имеющие общие исторические корни: духтар - Tochter, модар - Mutter, падар - Vater, бородар - Bruder. Несмотря на это, до сегодняшнего дня не существовало немецко-таджикского словаря. Теперь этот пробел заполнен.

История создания немецко-таджикского словаря очень интересна. Работу над ним начал, еще в 1960-е годы основатель кафедры немецкого языка Душанбинского педагогического университета, Рахим Бурханов - человек необычной судьбы и таланта.

В 20-е годы прошлого века он проходил учёбу в Германии и изучил немецкий язык настолько совершенно, что по говору он мало чем отличался от настоящего немца. Прекрасные знания немецкого языка позволили ему служить во время второй мировой войны советским разведчиком в фашистской Германии. Историк Сайфулло Муллоджанов рассказывает, что Бурханова называют "таджикским Штирлицем" потому, что ему удалось внедриться в штаб фашистской разведки и передавать в Советский Союз важные сведения о планах вермахта. Бурханову удалось, дослужился до звания штурмбанфюрера. Победу он встретил в госпитале Карлсбада. Советское правительство наградило разведчика орденом Красной Звезды и многочисленными медалями.

Но через несколько лет его обвинили в измене и приговорили к 10 годам лишения свободы.

Первую попытку составления таджикско-немецкого словаря Бурханов предпринял, отбывая срок в Воркуте. Там он пишет две книги: "Таджикско-немецкий разговорник" и "Фонетику немецкого языка". Писать, таджикскому филологу, пришлось на бланках для медицинских рецептов, а обложка для книги была сделана из старых портянок.





В 1956 году, после реабилитации, Бурханов возвращается в Душанбе и начинает главный труд своей жизни - "Немецко-таджикский словарь". Но автору не суждено было закончить свою работу. В ноябре 1973 года Рахима Бурханова не стало. Рукопись немецко-таджикского словаря в объёме 10 000 слов так и осталась лежать на его столе не законченной. Лишь полвека спустя замысел учёного смогли воплотить в жизнь таджикские и немецкие учёные.

В работе над словарём участвовали профессор кафедры Центральной Азии Университета имени Гумбольдта в Берлине Луц Жехак, душанбинский учёный Хайрулло Сайфуллаев. Активное участие в этой работе принимала преподаватель Берлинского университета имени Гумбольта Барно Орипова, таджикские филологи Ахмаджон Сангинов и Нафасшо Шозедов. Выходу в свет немецко-таджикского словаря способствовала поддержка Федерального министерства по сотрудничеству и развитию, Германского общества по техническому сотрудничеству (GTZ), Института им. Гёте и Германской службы академического обмена (DAAD). Также большая техническая помощь была оказана авторам со стороны переводчика Посольства РТ в ФРГ С. Гайратшоева.

Сегодняшний словарь, ставший результатом почти 15 лет работы, насчитывает более 55 000 слов.

Двухсторонние связи между Таджикистаном и Германией делают эту книгу очень важной и нужной, ведь Таджикистан и Германию связывают добрые дипломатические, экономические и культурные отношения, многочисленные совместные проекты. Издание немецко-таджикского словаря стало прекрасным подарком всем тех, кто изучает немецкий язык в Таджикистане и таджикский язык в Германии, а также тем немецким специалистам, которые собираются работать в нашей республике.

**Двухсторонние связи между Таджикистаном и Германией делают эту книгу очень важной и нужной, ведь Таджикистан и Германию связывают добрые дипломатические, экономические и культурные отношения, многочисленные совместные проекты.**

**Шарипова З.А. - ст.**
*преподаватель кафедры иностранных языков юридического факультета ТНУ*

# НЕСКОЛЬКО СЛОВ О ПРАВАХ ЧЕЛОВЕКА

Права всегда основаны на определенном статусе, но права человека является исключением - мы пользуемся ими просто на том основании, что мы люди. В прошлом политические права, которые сейчас попадают под категорию прав человека, имели только определенные категория людей. Некоторые категории людей, в частности, женщины, дети, инвалиды, также имеют особые права в силу своей незащищенности, либо потому, что они подвергаются дискриминации. Ситуация права человека применимы, только если мы подвергаемся дискриминации по признаку расы, цвета кожи, пола, языка, вероисповедания, политических или иных взглядов. Органы власти обязаны запрещать подобную дискриминацию, но не должны следить за тем, чтобы всем всего доставалось поровну. Даже в обществе, где весьма щепетильно соблюдаются права человека, существует множество прав, которыми пользуется лишь узкий круг людей. До сих пор мы говорили о категориях, используемых в дискуссиях о самом понятии "права человека". Речь идет не о том, какими должны быть права, а том, что в принципе означает выражение "иметь права". Мы говорили, что права человека - это права, которые есть у всех людей только потому, что они люди. В то время как еще нет согласия, нужно ли в целях защиты животных вводить особые права животных, ни один серьезный политический лидер сегодня не станет отрицать, что все люди имеют свои права. Как гласит Всеобщая декларация прав человека, "все люди рождаются свободными и равными в своем достоинстве и правах. Они наделены разумом и совестью и должны поступать в отношении друг друга в духе братства". Исторической предпосылкой принятия Всеобщей декларации прав человека стало распространение сведений о зверствах, совершенных нацистами перед Второй мировой войной и во время войны по отношению к евреям и другим, которых они считали людьми второго сорта. После Второй мировой войны международное сообщество решило ввести права, применимые ко "всем членам человеческой семьи" и составляющие "основу свободы, справедливости и всеобщего мира на земле". Права, содержащиеся во Всеобщей декларации прав человека, также упоминаются во многих других международных документах, принятых ранее. Многие из них были реакцией на массовые нарушения прав человека. Это относится к появлению американской Декларации независимости в 1776 году и французской Декларации прав человека и гражданина в 1789 году. Но именно Всеобщая декларация прав человека впервые в истории утвердила применимость прав человека ко всем людям в глобальном масштабе. Охрана прав человека необходима, чтобы защищать жизнь людей, их право на частную жизнь, свободу, физическую неприкосновенность и участие в общественной жизни. Всеобщая декларации прав человека представляет идеал того, как власти должны обращаться с жителями своей страны и заботиться о них. Каждый из нас также обязан уважать права и свободы других членов общество. Это возможность развивать свои способности, участвовать в принятии важных социальных и политических решений и удовлетворять свои основные потребности. Права человека основаны на принципе равноправия и отсутствия дискриминации.

Права человека были сформулированы в ходе переговоров между представителями различных стран и культур. Одновременно в работе по установлению новых прав и обеспечению их выполнения принимали участие многие неправительственные организации и независимые эксперты по правам человека.

Права человека - динамичное понятие, а это означает, что их применение и интерпретация меняются по мере возникновения новых проблем и задач. Например, признали такие новые права, как право на чистоту окружающей среды и право на развитие. Существуют различные типы международных документов, касающихся прав человека: договоры, конвенции, декларации, международные принципы и пр. Договоры и конвенции накладывают юридические обязательства только на те страны, которые их ратифицировали, то есть посредством специальных процедур взяли на себя обязательство их соблюдать. Государство может ратифицировать тот или иной документ с оговорками, то есть не брать на себя обязательство соблюдать определенные положения этого документа (оговорки). Во время чрезвычайного положения или войны разрешается пренебрегать некоторыми положениями (отступления). Как правило, в конвенциях указывается минимальное число ратификаций, при котором они вступают в силу. Оба пакта ООН, принятые в 1966 году, вступили в силу только в 1976 году после их ратификации 35 странами. Основные международные документы в области прав человека: Всеобщая декларация прав человека, принятая в 1948 году; Международный пакт о гражданских и политических правах, принятый в 1966 году; Международный пакт об экономических, социальных и культурных правах, принятый в 1966 году.

Хотя основные права и свободы человека и гражданина закреплены в Конституции и провозглашены высшей ценностью, на практике их уважение и соблюдение встречается крайне редко. Но это не значит, что вся проблема заключается в недостаточности правового регулирования прав и свобод человека, несовершенстве действующей Конституции. Права и свободы в соответствии с Конституцией имеют прямое, непосредственное действие. Это означает, что для осуществления и защиты таких прав не обязательно издание государством дополнительных законов и иных актов. Лицо может защищать их, ссылаясь непосредственно на нормы конституции. Права человека провозглашены высшей ценностью в качестве желаемого и ожидаемого результата, цели. И это определенный шаг, прорыв на пути построения правового государства.



**Ахлиддин Нурмахмадов студент 2-го курса**

# THE ADVANTAGES AND A POSSIBLE OUTCOME OF USING COMPUTER DURING ENGLISH CLASSES



**Afzali M.K.**
**Associate professor of foreign Languages faculty of law TNU**

There has been a lot of talk about the use of computer for teaching and learning English. On the other hand, teachers are not always compatible with computer.

Teachers and students alike suffer computer phobia. Should we have a computer per classroom or computer lab? Are computers effective? On the other hand, some authors (Davidson and Thompson; Divert and Egbert have already reported satisfaction of their teaching needs by using computers, computer networks, the Internet, computer software, and multimedia computer or system.

The Multimedia System used for program makes use of video, picture, sound, and the possibility of recording and reproducing learners' voice. The various components in this system may be attached to each other to produce, enhance, or extend their interactivity. It may sound as if there is overwhelming high-tech equipment that not everybody knows how to use, or has, but the truth is that most of the equipment mentioned above is really very common in everyday life. Just like TV, the readily observable peculiarity of the use of multimedia systems is that they "attack" two senses at the same time: sight and hearing. This characteristic makes multimedia systems a crucial resource when working with autonomous learners. The use of all or parts of this equipment may represent an advantage for the improvement of the teaching-learning environment.

As well as there are advantages, disadvantages may also be found, and they have to be take into account when we plan to work with computer or technology enhanced environments.

In order to really understand what computer can do for our context and take advantage of the benefits they may bring, we have to actually use them and view them from an insightful, creative, and innovative angle. First, we have to ask ourselves a series of questions that will help us visualize our "technologically enhanced" work environment and procedures. Some of the questions we should ask ourselves are the following:

1. What and how will we design, implement and teach in a course using multimedia systems?

2. When will we use the system? Every day? Throughout a whole class? With a fixed or flexible schedule?

3. Where will we have such a system? In a lab? In a special place different from a lab? What will this place be like?

4. Who will attend the classes or sessions with this system? Will they be beginners, intermediate or advanced students?

5. What learning context will the system be used for?

The answer to these questions may help us decide whether or not the use of computer for our needs or resources is practical and feasible. Answer to the question may be the basis for deciding the adequate or appropriate use of the system for our program. The answers may even lead to a novel idea of how to use the kind of system to effectively enhance the teaching-learning process and environment we have been working with for a long time.

The following is a set of guidelines to help you through the process of getting used to computer enhanced classes, in case you decide to use computer for your needs.

1. Remember that computers and other equipment are just tools, and you have to make them work for you, not against you.

2. Do not satisfied with the materials that commercial software may provide; create your own materials. These can be based on the software.

3. Motivate students by using computer game for which you have prepared class work materials.

4. Create materials for work with the computer which are also related to teacher-led sessions.

5. Make schedules flexible enough as to accommodate individual or small group session with the computer.

6. Think of the combination of teacher-led classes and computer sessions that best suit your needs.

7. Design your own computer oriented tasks for the development of language skills.

8. Direct students to the objectives you want them to achieve (these may not necessarily be the same objectives of the software program).

9. Use Internet accessibility and create writing and speaking tasks for your students using this computer resource.

When a motivating resource such as a multimedia system is used, the benefit of autonomous work may be magnified. The role of teacher will be different from that of simple holder and provider of knowledge; the teacher will become the student's guide.

Teachers will continue to develop the real communication which computers cannot provide. If teachers get to understand computer and really become computer literate, they will gain instead of lose and they will become more efficient and productive teacher.

**«When a motivating resource such as a multimedia system is used, the benefit of autonomous work may be magnified. The role of teacher will be different from that of simple holder and provider of knowledge; the teacher will become the student's guide.»**

# КОНСТИТУТСИЯ ВА РУШДИ ДЕМОКРАТИЯ ДАР ҶТ




Мардуми Тоҷикистон 20-умин солгарди Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро 6-уми ноябри соли 2014 ҷашн мегиранд. Бо дарназардошти ин далели тақдирсоз ва аснод, ки мо тӯли беш аз ҳазор сол соҳибдавлат набудем, ҳарчанд таърихи начандон тулонии миллати мо дар доираи низоми давлатдории умумишӯравӣ ҷараён гирифта буд, аз бисёр ҷиҳат аз озодии комил бархурдор нагардидем. Ҷашни Сарқонун барои тамоми мардуми тоҷик ҷашни шаклгирии давлатдории миллӣ ва таъмини сулҳу субот, амнияти арзишҳои сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон аҳамият ва шукӯҳи хоса дорад. Ҳамакнун замон ва авзои сиёсӣ бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ давлатеро ба вуҷуд овард, ки дар низоми қонуну қавоиди байналхалқӣ мебоист мавқеи сазовор пайдо мекард. Вобаста бо заҳмату шароит ва анъанаҳои давлатдорӣ пешаи низоми қонунгузориро амалӣ мекард. Барҳамёбии сохтори Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон дар заминаи Эъломияи истиқлолияти давлатӣ аз 24 августи соли 1990 зарурати қабули Конститутсияи нав ба миён омад ва 6-уми ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид.

Демократӣ эълон шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Конститутсияи соли 1994 аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият дароварда шуд. Роҳу равиши зиндагӣ ва тартибу рушди давлати тозабунёди тоҷикон баъди қабули конститутсия собит намуд, ки ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар берун аз доираи Конститутсия наметавонад орому пурмаҳсул ҷараён гирад. Дигаргуниҳое, ки тайи солҳои охир дар мамлакат сурат гирифтанд, бидуни Конститутсия ва ислоҳоти баъдинаи конститутсионӣ ба амал омаданашон ғайриимкон буд. Конститутсияи соли 1994 дар доираи вазифаҳои ҳуқуқию муассисиаш аз ҳама беҳтару саривақтӣ вазифаи муттаҳидгардонӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро мунтазам ба иҷро расонид. Дар марҳилаи хеле ҳассоси сиёсиву иҷтимоӣ қабул шудани Конститутсия онро ба марказе табдил дод, ки дар меҳвари он қувваҳои солими ҷомеа падидаи хеле нодири охири асри XX - фарҳанги сулҳи тоҷиконро эҷод ва дар амал татбиқ намуданд. Нақши дигари Конститутсияи соли 1994 ҳамчун санади олии тақдирсози миллати тоҷик дар ризоят ва ваҳдати миллӣ, баробарҳуқуқӣ ва озодии ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва масъулияти баланди давлатдории миллӣ арзанда эътироф шуд. Муҳимияти дигари Конститутсияи соли 1994 барои баланд бардоштани вазъи ҳуқуқии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, ин омили ҳуқуқӣ дар таҳкими пояҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, идеологии давлати навистиқлоли тоҷикон тавассути тағйирнопазир эълон шудани натанҳо шакли идора, балки моҳияти ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ, демократӣ ва иҷтимоии давлат ба таври барҷаста аён гардид.

Қобили зикр аст, ки тамоми дастовардҳое, ки тӯли 20 соли амали Сарқонуни Тоҷикистон насиби халқу давлати мо гардидаанд, натиҷаи хирад ва заковати халқи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зеро маҳз бо иродаи аксари мутлақи мардум, сарзамини кишвари моро дар ҷаҳони муосир ҳамчун давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёд ва демокративу ичтимоӣ эътироф мекунанд ва мавқеи онро ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи байналмилалӣ ба инобат мегиранд.

Аслан, зиндагӣ дар чунин ҷомеае, ки асосҳои бунёдии онро таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва адолату масъулияти баланди ҳокимиятдорӣ ташкил медиҳад, орзуи деринаи халқи мо дар масири асрҳо буд ва бояд қайд намуд, ки дар ин роҳ кӯшишҳое низ амалӣ карда мешуданд.

Дар давоми ин солҳо халқи Тоҷикистон ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ сарнавишти худро тибқи муқаррароти ин ҳуҷҷати воқеан тақдирсоз муайян намуда, самтҳои тараққиёти ҳамаи соҳаҳои зиндагиашро озодона мушаххас таъмин гардонидааст. Сарқонуни ҶТ арзишҳои пешқадами ҷаҳони муосирро ба инобат гирифта, ҶТ-ро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон намуд (м.1). Ин меъёр ҷавобгӯи талабот ва ҳадафҳои инкишофи ҷомеаи демократӣ дар ҷаҳони мутамаддин ба шумор меравад. Сарқонуни ҶТ арзишҳои пешқадами сиёсию ҳуқуқии тамадуни башарро дар бар гирифта, тавсияҳои моҳияти давлат ва дурнамоии рушди ҷомеаро муайян намудааст. Масъалаҳои асосӣ ва муҳимтарини давлатдорӣ, ба монанди муайян кардани шакли идораи давлатӣ, шакли сохтори марзӣ-давлатӣ ва сохтори марзию маъмурӣ, моҳият ва таъминоти рамзҳои давлатӣ; сохтори ҷамъиятӣ ва ҳадафҳои асоси он, дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ; эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он ҳамчун арзиши олӣ ва аз тарафи давлат риоя ва ҳифз гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; эълон кардани соҳибихтиёрӣ ва шаклҳои амалӣ гардонидани он; усули асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ ва таснифи таҷзияи он ба се шоха; муқаррар кардани усули волояти Конститутсия ва қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ эълон гаштани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст; муайян кардани сиёсати сулҷуёнаи хориҷии Тоҷикистон; муқаррар кардани гуногуншаклии моликият ва кафолати баробарҳуқуқи онҳо ва ғайра маҳз бо роҳи дар Конститутсия муқаррар гаштан ва танзим ёфтан хислати ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пайдо кардаанд.

Миллати тоҷик, ки ба соҳибихтиёрии давлатӣ ноил гардид, бояд ҳамаи кӯшиши худро дар минбаъда ба он равона созад, ки заминаҳои давлатдории миллиро устувор гардонад. Ин заминаҳо асоси самтҳои гуногуни сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ ва ғайра дорад, ки дар ҳар яки он бояд миллат пешрав ва қобили ҳифзи манфиати хеш бошад. Қобили зикр аст, ки бунёди давлати демократӣ даставвал дар Сарқонун ва дар дигар санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқие, ки дар он иродаи халқ барои ташкили давлати миллии худ ифода ёфтааст, эълон карда мешавад. Ва минбаъд иродаи сиёсии он шакли ҳуқуқӣ мегирад, асосҳои сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ бо забони қонун ифода ёфта, роҳу восита ва волояти ҳифзи онҳо муайян карда мешавад.



**Асрорзода Қурбоншо Ҷонибек**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ*

# ЯКЧАНД ПЕШНИҲОД ҚОНУНГУЗОРИИ



*Ш. К. Ғаюров - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ*

Дар замонҳои қадим дахлнопазирии моликият асосан дар нисбати истифодаи мустақилонаи ашё ва ё амвол фаҳмида мешуд. Пайдоиш ва инкишофи минбаъдаи падидаи моликияти зеҳнӣ маҳсули назарияи пропpriетарӣ (a priori) буда, нақши саноатчиён ва дигар молистеҳсолкунандагонро дар ҳимояи манфиатҳои худ ифода мекунад. Истифодаи ноу-хау, технологияҳои навгонии истеҳсолӣ, ба вуҷуд омадани робитаҳои самараноки соҳибкории байналмилалӣ ва рақобатпазирии иқтисодӣ вобаста аз он мебошад, ки давлат чӣ гуна ва дар кадом сатҳ моликияти зеҳниро ҳифз мекунад. Амалӣ намудани ин шартҳои фаъолияти навгонӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

1. Мувофиқи қ. 3 м. 40 Конститутсияи ҶТ аз 6-уми ноябри соли 1994 моликияти зеҳнӣ дар ҳимояи қонун мебошад. Муқарароти мазкур дар дигар Конститутсияҳо низ вуҷуд дорад, масалан чунин меъёр дар қ. 1 м. 44 Конститутсияи Русия аз 12-уми декабри соли 1993 муайян гардида, мавқеи консептуалии давлатро дар танзими натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ инъикос мекунад. Яъне давлат натиҷаҳои фаъолияти зеҳниро аз истифодабарии ғайриқонунӣ ҳифз намуда, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкии муаллиф, ихтироъкор ва дигар соҳибҳуқуқонро эътироф мекунад. Аммо ба назари мо ҳимояи ин ҳуқуқҳо бидуни танзим имконнопазир мебошад, чунки дар он яке аз имкониятҳои субъекти ҳуқуқ дар бартарафкунии мамониатҳо инъикос мегардад. Имкон дорад ҳуқуқ ба ҳимояи қонунии моликияти зеҳнӣ дар ҳолати ҷой доштани асардуздӣ, ғайриқонунӣ тайёр намудан, воридот, фурӯхтан, ба кироя додан ва дигар ҳолатҳои поймолкунии ҳуқуқҳои гражданӣ мустақиман амалӣ карда шавад, аммо татбиқи воситаҳои ҳимоя дар доираи муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ амалӣ мешавад.

2. Қайд намудан бамаврид мебошад, ки банди 8 моддаи 2 Конвенсия оид ба таъсиси Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (минбаъд СУМЗ) аз 14-уми июли соли 1967 моликияти зеҳнӣ гуфта пеш аз ҳама ҳуқуқ ба асарҳои илмӣ, санъат ва адабиёт, фаъолияти иҷрои артистон, сабти овоз, намоиши радио ва телевизион, ихтироот дар ҳама соҳаҳои фаъолияти инсон, кашфиёти илмӣ, намунаҳои саноатӣ, тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ, номи фирмавӣ, нишонаи тиҷоратиро меномад. Истилоҳи мазкур маънои ҳимоя аз рақобати бевиҷдонона, инчунин ҳама дигар ҳуқуқҳоеро, ки ба моликияти зеҳнӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, илмӣ, адабӣ ва бадеӣ дахл дорад, ифода мекунад.

Дар заминаи ҳолатҳои овардашуда, қ. 1 м. 1125 Кодекси граждании ҶТ мафҳуми моликияти зеҳниро дақиқ муайян намудааст. Тибқи он моликияти зеҳнӣ маълумот дар бораи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ё шахсии ғайримолумулкии эҷодкор ё дигар ҳуқуқдор ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, фардикунонии маҳсулот, корҳо ё хизматрасонии иҷрошаванда (воситаҳои фардикунонӣ) ва ҳамчунин объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда мебошад. Дар таърифи дода шуда, мафҳуми яке аз объектҳои моликияти зеҳнӣ нодуруст ҳамчун "воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ" маънидод карда шудааст. Дуруст мебуд, агар ин объект ҳамчун "воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни гардиши гражданӣ" ё "воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни муомилоти гражданӣ" фаҳмида мешуд, зеро ки гардиши маданӣ аз як омили аҳд иборат набуда, маҷмӯи ҳамаи омилҳоро (ҳодиса, санади маъмурии мақомоти ваколатдори давлат, ҳалномаи суд ва ғайра) дар бар мегирад. Дар асоси онҳо муносибатҳои молумулкии маданӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Чунин камбудӣ, инчунин дар матни тоҷикии қ. 1 м. 1 КГ ҶТ ба назар мерасад. Дар он ба ҷойи "иштирокчиёни гардиши гражданӣ" "иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ" навишта шудааст.

Ба фикри мо моликияти зеҳнӣ гуфта дар маънои васеаш иттилооти муҳимеро меномand, ки арзиши баланди зебопарастӣ, маърифатӣ, ё тиҷоратӣ дошта, барои устувории гардиши маданӣ мусоидат мекунад. Моликияти зеҳнӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

табиати ғайримоддӣ, яъне руҳӣ дорад. Дар муошират, шаби эҷодӣ, гуфтугӯи мустақим, ҳангоми гузаштани машғулиятҳои лексионӣ ва дигар шакли гардиши иттилоот дастрасӣ омма мегардад;

дар шакли муайяни суханварӣ ё асар ифода меёбад, бинобар аз қонеъ гардонидани талаботҳои мухталифи гардиши иттилоотӣ ба худ шунаванда, тамошобин ва ё хонанда пайдо мекунад;

объекти танзими маданӣ-ҳуқуқӣ ва қонеъгардонии талаботи бозори иттилоот буда ва бо созиши тарафҳо ҳамчун ҳуқуқи молумулкӣ гузашт карда мешавад, вале интиқолдиҳандаи он аз натиҷаҳои фаъолияти худ маҳрум намегардад;

ба ҳомили моддӣ, ки дар он таҷассум ёфтааст, вобаста намебошад.

Мувофиқи қ. 2 м. 1129 КГ ҶТ аз ҷониби харидор ё корфармо пайдо шудани ҳуқуқи моликиятии ашёи ба китоб ё барномаи компютерӣ моликияти зеҳнии муаллиф ва ё дигар соҳибҳуқуқро тағйир намедиҳад, агар дар қонун ё шартнома ҳолати дигар муқаррар нашуда бошад.

Дар асоси қ. 1 м. 1 КГ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятие, ки аз эҷод, соҳибӣ, истифодабарӣ ва ё интиқоли натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба вуҷуд меоянд, мавзӯи танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад. Меъёрҳои КГ ҶТ, қонунҳои махсус оид ба объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ (асар, ихтироот, сирри тиҷоратӣ ва ғайра), меъёрҳои Конвенсияи оид ба таъсиси СУМЗ, Конвенсияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи муаллиф, Конвенсияи Берн оид ба ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадеӣ, Созишномаи ИДМ дар хусуси ҳамкорӣ оид ба ҳуқуқи муаллиф, Созишномаи ИДМ бахшида ба ҳамкорӣ оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои ҳунармандон иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои пахш, Шартномаи СУМЗ оид ба ҳуқуқи муаллифӣ, Шартномаи СУМЗ оид ба иҷрогарӣ ва фонограммаҳо, Конвенсия оид ба ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони фонограммаҳо аз ғайриқонунӣ аз нав истеҳсол намудани фонограммаҳои онҳо ва дигар санадҳои байналмилалии ба тасвиб расонидаи ҶТ, инчунин меъёрҳои умумиҳатмии санадҳои зерқонунӣ дар бахши моликияти зеҳнӣ дар маҷмӯъ зерсоҳаи ҳуқуқи граждаṅиро таъсис медиҳанд. Ин зерсоҳаро ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ меноманд, ки дар маънои аслиаш аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат буда, муно-

# ОИД БА АЙНИЯТ ВА ДИАГНОСТИКАИ КРИМИНАЛИСТӢ

Дар замони муосир бо пешрафти илму технология талабот ба соҳаҳои нави дониш ва кашфи техникаҳои нав дар ҳама соҳаҳо зиёд гашта истодааст. Илми криминалистика, ки натиҷаи чунин пешрафтҳост, талаб мекунад, ки техникаву таҷҳизотҳои замонавӣ ва муосир дар ошкорнамоии ҷиноят ба таври фаровон истифода карда шавад. Дар ин замина дар илми криминалистика усулҳои зиёди истифодаи воситаҳои илмӣ-техникӣ мавҷуд аст, ки маъмултарини онҳо айнияти криминалистӣ ва диагностикаи криминалистӣ маҳсуб мeёбанд.

Новобаста ба таърихи тӯлонӣ доштани айнияти криминалистӣ ва диагностикаи криминалистӣ, таносуби байни ин ду мафҳум ҳамеша мавриди таҳлил, омӯзиш ва муҳокимаи олимони криминалистика қарор дорад. Одатан айнияти криминалистӣ ва диагностикаи криминалистиро дар якҷоягӣ бо тадқиқотҳои криминалистӣ баррасӣ менамоянд. Барои дуруст муайян кардани таносуби мафҳумҳои айният ва диагностикаи криминалистӣ, тавсифи категорияҳои айният ва диагностика зарур аст. Зеро айният ва диагностикаро ҷудо баррасӣ кардан аз назари мо нодуруст мебуд.

Айният системаи мураттаб буда, бо ёрии он элементҳои тадқиқоту омӯзиш, ки аз субъекти айният, элементи айният, ақкалан ду объекти айният, раванди айният ва натиҷаи айният иборат аст, дарк карда мешавад. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи айният ҳамчун аслият, худӣ будан, зотӣ будан, монандӣ, баробарӣ, якмонӣ маънидод шудааст.

Хотиррасон мекунем, ки танҳо объектҳо мавриди айният қарор мегиранд. Объектҳо бошанд, мавкеъ надоранд, онҳо танҳо дар фаъолияти одамон ба вуҷуд омада, аз тарафи субъект дар намуди маҷмӯи хусусиятҳои объективии элементи омӯхташаванда интихоб мегарданд. Дар раванди айният субъект ҳамеша барои муқоиса намудан ду объектро, ки бо ҳамдигар шабоҳат доранд, интихоб мекунад. Объектҳое, ки мавриди айнияти криминалистӣ қарор мегиранд унсурҳои рамзӣ ва фикрӣ набуда, бояд характери моддӣ дошта бошанд. Зеро монандкунӣ ё муайян кардани шабоҳати фикри инсонҳо ва ё хаёли одамон мантиқӣ нест. Фикру хаёли инсон танҳо баъди дар ҳомили моддӣ инъикос ёфтанаш мавриди айнияти криминалистӣ қарор мегирад.

Субъектҳои айнияти криминалистӣ инҳоянд: суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, кормандони фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, эксперт ва ғайра. Ин субъектон се гурӯҳи объектҳоро мавриди тадқиқ қарор медиҳанд:

1) Айниятшавандагон;
2) Айнияткунандагон;
3) Санҷидашавандагон.

Дар рафти айниятнамоӣ бояд хусусиятҳои фардӣ ё фарқкунандаи объекти ягона муайян карда шавад. Ҳангоми диагностика бошад, муайян сохтани аққалан як хусусияти умумӣ дар объектҳои яхкелаи муқоисашаванда муҳим мебошад. Масалан, агар одамкушӣ бо яроқи оташфишон содир шуда бошад ва дар бадани ҷасад тирҳои гуногун бошад, муайян кардани умумияти ин тирҳо (патронҳо), ки аз як яроқ паронда шудаанд, вазифаи диагностикаи криминалистӣ мебошад. Агар мақсад муайян кардани ягонагии объект бошад, дар ин маврид айнияти криминалистӣ истифода мегардад. Дар ин маврид объект бояд аз синф (гурӯҳ)-ҳои ё объектҳои яхкела бошад. Масалан, мувофиқи назарияи айнияти криминалистӣ дар дунё ягон чизи яхкела вуҷуд надорад. Ҳамаи ашёҳо ё объектҳо новобаста аз монандии зиёдашон аз якдигар фарқ доранд. Ҳатто донаҳои гугирд, ки шумораи истеҳсолашон ба миллиардҳо мерасад аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Як ашё дар тули тамоми ҳаёти инсоният ягона аст, ба мисли он дигар ашё вуҷуд надорад ва ба дошта ҳам наметавонад. Фақат монандӣ доранд, аммо ба ҳамдигар айният нестанд. Мисоли маъмули ин гуфтаҳо изи дастони инсон мебошад. Дар рӯи дунё агар зиёда аз 7 миллиард одам зиндагонӣ кунад ҳам, изи дастони ҳар як инсон мутааллиқ ба худаш аст. Изи дасти як одам ба изи дасти одами дигар айнан нест. Ин аст, ки айни замон аксарияти давлатҳои ҷаҳон ба режими изи дастӣ гузашта истодаанд. Зеро таҷриба нишон дод, ки аксарияти ҳуқуқвайронкунандагон ва ҷинояткорон бо иваз кардани ному насабашон аз ҷавобгарӣ мегурехтанд. Аммо ҳеҷ шахсе изи ангуштонашро иваз карда наметавонад. Бинобар ин, дар куҷое, ки набошад ва дар чӣ сурате аз рӯи изи ангуштонаш шинохта мешавад. Илме, ки ин масъаларо меомӯзад ва айнияти изи ангуштонро муайян мекунад, илми айнияти криминалистӣ мебошад. Маҳз дар инҷо аҳамияти айнияти криминалистӣ возеҳ мегардад.

Ҳамин тариқ, айнияти криминалистӣ барои муайян кардани умумият ё фарқияти объекти номаълум ба объекти асосӣ имконият медиҳад. Диагностикаи криминалистӣ бошад, барои муайян намудани синф ё гурӯҳи муайяни объектҳо мусоидат менамояд. Дар навбати худ синфи айниятшаванда метавонад ягона бошад ва он гоҳ маълум мешавад, ки объект ба худаш шабоҳат дорад. Инчунин, синфи айниятшаванда метавонад маҷмӯи объектҳои яхкеларо дар бар гирад. Агар объекти айниятшаванда мансуби як синф бошад, пас дар он бояд аққалан як хусусияти умумӣ бо синфи мазкур вуҷуд дошта бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки аз



нигоҳи назарияи криминалистика ҳама гуна тадқиқот, аз он ҷумла тадқиқоти айният ва диагностикаи криминалистӣ мумкин аст бо ғалат рӯ ба рӯ гардида, натиҷаҳои айният ва диагностикаи криминалистӣ хато пешниҳод гарданд. Рушди илми криминалистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омода кардани кадрҳои баландихтисос дар ин самт ин камбудиро рафъ месозад. Дар ҳайати факултети ҳуқуқшиносӣ таъсис ёфтани кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ ва дар ин замина ташкил шудани ихтисоси нав бо номи фаъолияти экспертизаи судӣ қадами устуворест дар ин самти муҳими ҳуқуқии давлат.

**Қодиров ДАЛЕР**
*ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ*

# ОИД БА ТАКМИЛИ ГРАЖДАНӢ

сибатҳои шахсӣ ва молумулкиро дар бахши моликияти зеҳнӣ ба танзим медарорад.

Ба назари мо фаҳмиши ин падидаи ҳуқуқӣ бо ин маҳдуд намешавад. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ вобаста аз татбиқи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳуқуқҳои молумулкӣ имконияти субъективии муаллиф ва ё дигар соҳибҳуқуқро ифода карда метавонад. Бинобар ин истилоҳҳои "моликияти зеҳнӣ" ва "ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ" гарчанде умумиятҳои зиёде дошта бошанд ҳам, вале дар танзими ҳуқуқи гражданӣ аз ҳамдигар фарқ доранд.

3. Дар зербанди 1. 1. Консепсияи амнияти иттилоотии ҶТ риоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар дастрасӣ ва истифодаи иттилоот, таъмини рушди маънавӣ, ҳифз ва беҳдошти арзишҳои ахлоқии ҷомеа, ватандорӣ, инсондӯстӣ, имкониятҳои фарҳангӣ ва илмӣ унсурҳои асосии манфиати миллӣ эътироф шудааст. Барои қонеъгардонии унсурҳои қайдшуда, такмили низоми ҳуқуқии ҳифзи моликияти зеҳнӣ зарур мебошад. Гарчанде фаъолияти Комиссияи Ҳукумати ҶТ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ беҳтар гардида бошад ҳам, аммо нишондодҳои аз ин зиёдро ноил шудан имкон дорад. Барои расидан ба натиҷаҳои баланди мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин бахш, тайёр намудани мутахассисони ҷавон тибқи барномаҳои махсус талаби замон мебошад. Дар бисёри донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳон вобаста ба ин ихтисоси "Ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ" таъсис дода шудааст. Дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд ДМТ) низ хушбахтона чунин ихтисоси муҳим таъсис дода шуд. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки дар ДМТ барои омода кардани кадрҳо дар ин самти муҳим заминаҳои моддӣ, ташкилӣ ва илмию омӯзгорӣ вуҷуд дорад.

4. Яке аз мушкилоти дигар мавҷудияти номувофиқии байни КГ ҶТ ва Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" мебошад. Аз м. 1133 КГ ҶТ бармеояд, ки ҳуқукҳои молумулкии муаллиф ва дигар молик дар асоси шартнома ва ё меъёри қонун интиқол дода мешавад. Интиқоли ин ҳуқуқҳои молумулкии зеҳнӣ дар нисбати баъзе намудҳои объектҳои моликияти зеҳнӣ мумкин аст маҳдуд ё бо қонун манъ карда шавад. Шартномаҳое, ки ба интиқоли ҳуқуқи молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ вобаста мебошад, бояд дар шакли хаттӣ ё намуди дигари пешбининамудаи қонун баста шаванд. Шартномаҳо дар бахши истифода ва ё интиқоли ҳуқуқҳои молумулкӣ бисёр мебошанд. Номаълум мондааст, ки сухан дар хусуси кадом шартномаҳо меравад. Ба манфиати кор буд, агар дар КГ ҶТ чунин шартномаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекарданд:

шартнома оид ба интиқоли ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф ва ё молики дигар;

шартнома оид ба додани иҷозатнома.

5. Дар қ. 5 м. 1133 КГ ҶТ омадааст, ки қонун метавонад бақайдгирии давлатии намудҳои алоҳидаи шартномаҳои вобаста ба интиқоли ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳниро пешбинӣ намояд. Яъне қонунҳои махсус, масалан м. 27 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" метавонад чунин талаботро ҷорӣ намояд. Хушбахтона чунин талабот дар ин қонун нест ва аз лиҳози санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои муаллиф буда ҳам наметавонад. Бақайдгирии давлатии интиқол ва ё истифодаи ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф тибқи шартнома ихтиёрӣ мебошад ва ин ҳолат дуруст аст. Вале дар м. 379 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ барои аз тарафи истифодакунандагони объекти ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он иҷро накардани уҳдадориҳои дар қонунгузорӣ пешбинишудаи бақайдгирии шартномаҳо барои ба таври дахлдор истифода намудани объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ва гирифтани шаҳодатномаи намунаи мувофиқ ҷарима муқаррар карда шудааст. Бояд қайд намуд, ки чунин уҳдадорӣ дар Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин чунин муҷозот ғайриқонунӣ буда, хилофи санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ оид ба ҳуқуқҳои муаллиф мебошад. Чи тавре ки аз қ. 2 м. 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ бармеояд, дар ҳолати ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ мутобиқат накардани меъёрҳои қонунгузории ҶТ дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амал мекунад.

Дар баробари ин, қ. 8 м. 26 ва қ. 5 м. 27 Қонуни ҶТ "Дар бораи ихтироъ" пешбинӣ мекунад, ки шартнома дар бораи вогузор кардани ҳуқуқи истисноӣ (гузашт кардани патент) ва шартнома оид ба додани иҷозатнома ҳатман бояд дар муасиссаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот" ба қайди давлатӣ гирифта шаванд. Бе риояи чунин талабот шартномаҳои мазкур аз лаҳзаи баста шудаашон беэътибор дониста мешаванд. Дар мавриди иҷро накардани уҳдадории дар боло зикршуда ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар нагардидааст. Яке аз камбудиҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар он аст, ки дар ҳолати равобуда ҷавобгариро пешбинӣ накарда, дар ҳоли нодаркор ва бар зарари танзими маданӣ-ҳуқуқӣ чунин ҷавобгариро муайян мекунад. Чунин ҳолат ғайриқаноатбахш мебошад. Дуруст аст, ки дар сархати 3 зербанди 2. 1.-и Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории ҶТ дар соҳаи қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2015 мусоидат ба рушди муносибатҳои ҳуқуқи гражданиро дар алоқамандӣ бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои дахлдор ба нақша гирифтаанд. Аз ин лиҳоз пешниҳод менамоем, ки дар боби 22 (Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ)-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ барои иҷро накардани уҳдадории бақайдгирии шартнома дар бораи вогузор кардани ҳуқуқи истисноӣ (гузашт кардани патент) ва шартнома оид ба додани иҷозатнома ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шавад. Ҳамзамон м. 379 "Иҷро накардани уҳдадории бақайдгирии шартнома оид ба истифодаи объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он ва гирифтани шаҳодатномаи намунаи мувофиқ" аз ин Кодекс хориҷ карда шавад.

6. Дар асоси м. 2 Конститутсияи ҶТ забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ мебошад. Дар замони Шӯравӣ яке аз санадҳои муҳими ҳуқуқӣ ба худ номи Кодекси гражданиро касб намуд, ки то ҳол, мутаасифона чунин номида мешавад. Чунин номгузорӣ тарҷумаи ғалат аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ мебошад. Тарҷумаи ибораи русии "Гражданский кодекс" ба ибораи тоҷикии "Кодекси гражданӣ" худ як зуҳуроти шаклпарастӣ буда ва хилофи назарияи ius civile дар забони тоҷикӣ мебошад. Ҳанӯз соли 2004 олимони варзидаи ин соҳаи ҳуқуқ (Устодон М. А. Маҳмудов ва Ш. М. Менглиев) қайд намуда буданд, ки ius civile дар забони тоҷикӣ маънои ҳуқуқи маданиро дорад. Гузашта аз ин, дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон таълимот, тадқиқот ва низоми қонунгузории ин соҳа ҳамчун ҳуқуқи маданӣ арзёбӣ карда мешавад, ки ба андешаи мо дуруст аст. Бинобар ин, дар баробари таклифҳо оид ба такмили қонунгузории ин соҳа, пешниҳод менамоем, ки калимаи "гражданӣ" дар муносибатҳои таълимӣ ва илмӣ, инчунин дар соҳаи қонунгузорӣ ба калимаи "маданӣ" иваз карда шавад. Ворид шудани чунин тағйирот туҳфаи арзанда барои таъмини бештари истиқлолияти давлатӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафҳои марказӣ тобеияти иқтисодӣ ё детерминизми молӣ ҳалкунанда нест. Қуввае, ки дар таҷҳизот, неруи барқ ва ё иттилооти муҳим вуҷуд дорад, дар нисбати инсон ва шаҳрвандон ночиз мебошанд. Агар шаҳрвандон ба худшиносии маданӣ-ҳуқуқӣ ноил гарданд, баъзе мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бартараф карда мешаванд. Билохира, инсонҳо ва миллати тоҷик дар худшиносӣ ва риояи адлу инсоф қобилияти фавқулода доранд.

**АЗ РЕДАКСИЯ:**

*Хуб мешуд, олимон ва мутахассисони соҳа вобаста ба оммафаҳм кардани қонунунгузорӣ, забони қонун ва истифодаи истилоҳоти ниёгон ҳангоми таҳияи қонунҳо, норасоии қонунгузорӣ ва мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ мақолаҳоро ба муовини декани факултети ҳуқуқшиносӣ оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ н.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Б. пешниҳод мекарданд. Телефон: 918-56-07-07. Рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» омода аст, ки ин гуна мақолаҳоро бидуни навбат ба дасти чоп диҳад.*

# ИСТИҚЛОЛИЯТ - АСОСИ ШУКУФОИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Имрӯз ҳар як тоҷик аз он ифтихорманд аст, ки соҳиби ватани озод ва давлати мустақили хеш аст. Вале агар ба саҳифаҳои таърихи миллати хеш назар афканем, мебинем, ки дар тамоми давру замонҳо равшанфикрони миллати муборизи тоҷик орзуи озод будан ва ташкил намудани давлати мустақили хешро доштанд. Ҳатто барои расидан ба мақсади хеш ба муборизаҳои беамон бар зидди аҷнабиён бархоста, ҷонбозиҳо кардаанд, ки бо ин мардонагии худ исмҳояшонро дар саҳфаҳои таърих бо хатти заррин навишта кардаанд. Сад афсӯс, ки ба бисёре аз ин мардони асилу ватандӯст муяссар нагашт, ки давлати мустақилу озод ташкил намоянд. Ҳамин гуна бо амри тақдир дар ин ҷода бо як ҷаҳон орзуҳои амалӣ нагашта қурбон шудаанд. Шоире бисёр бамаврид гуфтааст:

***Номдорӣ, тоҷдорӣ расми***
***қавми хушдил аст,***
***Тоҷро дар зиндагӣ дар сар***
***ниҳодан мушкил аст.***
***Тоҷро дар зиндагӣ сар ниҳодан***
***кори осон аст, лек,***
***Дар ҷаҳон бетоҷ будан, марги***
***ҳар соҳибдил аст.***
***Аз барои тоҷи номус халқи ман***
***сад бор мурд,***
***Мурдаи тоҷик ҳам ҳамроҳи худ***
***як тоҷ бурд.***

Асри XX барои миллати тамаддунпарвари тоҷик аҳди басо таърихиву сарнавиштсоз гардид. Дар охири даҳсолаи ин асри пуртазод ва пур аз моҷаро барои халқи тоҷик ҳадяи беназиру




дилпазири таърихӣ насиб гардид.

Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶТ (даъвати даҳум) изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии ҶТ ва қарори Шӯрои Олии ҶТ "Дар бораи эълон намудани истиқлоияти давлатии ҶТ" қабул шуд. Ин иҷлосия бо санади тақдирсози худ пас аз садсолаҳо тоҷиконро ба орзуи деринаи худ расониду моро соҳибдавлату соҳибистиқлол гардонид. Муттасифона дар оғози сохибистиқлол гаштани Тоҷикистон таасуби динӣ ва маҳалгароӣ ба тадриҷ ҷоннок гардид. Гуруҳҳо ва равияҳои гуногуни хориҷ аз кишвар, ки ба ноорамӣ дар сарзамини тоҷикон манфиат доштанд, намехостанд, ки кишвари мо рӯ ба озодиву сулҳ биёрад. Аз ин рӯ, аксари онҳо дини мубини Исломро ба худ ниқоб қарор дода, ҷавонони моро ба доми фиреби худ кашиданд. Ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри гузашта қариб буд, ки миллати моро ба нестӣ расонад. Хушбахтона ба амри довари таърих миллати тоҷик арзишҳои ҳазорсолаи сулҳофарини худро дубора эҳё намуд.

Дар ин даврони ниҳоят мушкил Маҷлиси Олии ҶТ дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии ҶТ интихоби дуруст ва саривақтӣ кард, ки барои пешрафти давлат ва ба ҳам омадани тоҷикон нақши ҳалкунанда бозид. Дар давраи ниҳоят мушкил ба саҳнаи сиёсат омадани Эмомалӣ Раҳмон фоли нек дар сарнавишти таърихи давлатдории навини тоҷикон гардид. Самараи неки истиқлоли кишвар буд, ки Тоҷикистонро беш аз 165 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохтанд. Имрӯз бо ифтихор метавон гуфт, ки кишвари мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон буда, ҳанӯз 2-юми марти соли 1992 ба узвияти Созмони Миллали Муттаҳид қабул гардид. Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлат, комилҳуқуқиву соҳибихтиёрӣ, низоми давлатдорӣ ва бузургии миллат аст, ки сиёсати дохилӣ, хориҷӣ, иқтисодӣ, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоии кишварро ривоҷу равнақ медиҳад. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатии мардуми сарбаланду мутаммадини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кард. Имрӯз миллати тоҷик дар арафаи ҷашни 23-солагии Истиқлолияти миллӣ ҳамаҷониба барои ободкорӣ ва ҳамзистии осоишта кӯшиш ба харҷ медиҳад. Аз ин рӯ, мо ҷавонон, фарзандони фарзонаи даврони Истиқлоли кишвар ин дастоварди арзандаро қадр намуда, чун гавҳараки чашм бояд эҳтиёт намоем.



**Асоев ДОСТОН**
*донишҷӯи соли 1-ум*

# ҚОНУНИ МАРДУМӢ ВА САРНАВИШТСОЗ

**"Сарқонуни ҶТ қонуни давраи ноил гаштан ба соҳибихтиёрии давлатӣ ва бунёди воқеан давлати миллии тоҷикон, рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро ба дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро ба набзи саёра ҳамсадо месозад".**

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар таърихи инкишофи ҳар як миллат воқеаҳое рух медиҳанд, ки онҳо асоси бунёди давлатдории миллӣ шуда метавонанд. Қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994-ро аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба ҷумлаи ҳамин гуна рӯйдоди таърихие шомил кардан мумкин аст, ки дар саромади миллат ва давлатдории миллӣ нақши хосаро бозидааст. Қабули Конститутсия шаҳодати омили бунёди давлати тоҷикон, асоси ҳуқуқии он аст, ки ягонагии ваҳдати ҳокимияти давлатӣ, пурраҳокимиятии халқ, баробарҳуқуқии тамоми миллату халқиятҳои Тоҷикистонро ба арсаи ҷаҳонӣ эълон дошта, Ҷумҳурии Тоҷикистонро чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муқарар намудааст. Конститутсияи соли 1994 Сарқонуни давраи соҳибихтиёрии Тоҷикистон, бунёди давраи давлатдории нави миллии тоҷик мебошад. Дар он таҳкурсии ҳуқуқии давлати нави миллӣ гузошта шуда, шакл, моҳият, мазмун, ҳадаф ва вазифаҳо муайян карда шудаанд. Баробари ин, Конститутсияи мазкур ибтидои аз самти ҳуқуқӣ расмигардонии давлатдории навини миллат ва анҷоми давраи шӯравии сотсиалистии ташкилу инкишофи давлати Тоҷикистон аст. Ин ҳолатҳо дар мазмуну таъиноти Конститутсияи соли 1994 равшан ифода ёфтааст.

Дар матни Конститутсия ба таври умумӣ раванди гузариш ба давраи нави инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа инъикос карда шудааст. Сарқонун давлати моро иҷтимоӣ эълон кардааст, ки ҳадафи асосии он барои ҳар як инсон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона мебошад. Асоси иқтисодии ҷумҳуриро Конститутсия гуногуншаклии моликият, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият муқаррар кардааст. Моҳияти демократии Тоҷикистон дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ сурат гирифтани инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ муайян карда шудааст. Дар маҷмӯъ ин меъёрҳо дар бораи симо ва тарҳи нави сохтори ҷамъиятии ҷумҳурӣ маълумот медиҳанд. Маъмулан дар зери калимаи "Конститутсия" ба қонуни асосии давлат, сарчашмаи асосии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ишора меравад, ки барои ошкор сохтани моҳияти он ба ин ду се нуқта маҳдуд шудан кофӣ намебошад. Барои ошкор сохтани мазмуни Конститутсия зарур аст, ки таъинот, мабдаи (предмети) танзимсозӣ, нақш ва ҷои онро на танҳо дар низоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин дар бунёди давлатдории миллӣ, асосҳои конститутсионии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ дар ҳама шаклҳои зоҳиршавиаш, сохти ягона (унитарӣ) ва шакли идоракунии Тоҷикистон, хислати соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ доштани кишвар дар мадди аввал гузошта шавад.

Таркиби Конститутсияи нав иборат аз 10 боб ва 100 модда аст. Он аз муқаддимаи мухтасар, ки пеш аз матни асосии Конститутсия дода шудааст, оғоз меёбад. Агарчи дар муқаддима меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷой надоранд, вале бо вуҷуди ин ҳолатҳои дар он зикр ёфта барои тамоми матни Конститутсия хусусияти заминавӣ доранд. Чунки дар онҳо аз номи халқи Тоҷикистон сабабу асосҳои қабули Конститутсия ва мувофиқи мақсаду мароми халқ муқаррар кардани меъёрҳои конститутсионӣ нишон дода шудааст. Ҳар як қисми муқаддима бо ин ё он бобу моддаҳои Конститутсия алоқамандӣ дорад. Масалан, дар муқаддима дар хусуси муқаддас донистани озодӣ ва ҳуқуқи шахс гуфта шудааст, ки он ба мазмуни матни моддаи 5 ва боби 2-юм (моддаҳои 14-47) ва баъзе моддаҳои боби 8-ум таъсири бевосита мерасонад.

Пайдоиши боби алоҳида дар Конститутсияи соли 1994 бо унвони "Асосҳои сохтори конститутсионӣ" ва аз он оғоз ёфтани матни Конститутсияи мазкур дар таҷрибаи конститутсионии ҷумҳурӣ чизи нав мебошад. Чи тавре ки маълум аст, фасли якуми Конститутсия соли 1978 "Асосҳои сохти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ" ном дошт ва аз бобҳои низоми сиёсӣ, низоми иқтисодӣ, тараққиёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, фаъолияти сиёсати хориҷӣ ва муҳофизати ҶТ иборат буд. Акнун боби якуми Конститутсия аз 13 модда иборат буда, дар онҳо хусусиятҳои ҶТ ҳамчун давлат, рамзҳои давлатӣ, дахлнопазирии инсон ва ҳуқуқҳои инкорнашаванда и ӯ, соҳибихтиёрии халқ, ягонагии давлат ва сохти марзию маъмурии он, кафолати гуногунии равияҳои сиёсӣ ва мафкуравӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, эътибори олии ҳуқуқии конститутсия ва таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон, усулҳои асосӣ самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ, гуногуншаклии моликият ва объектҳои моликияти истисноии давлат муқаррар ва нишон дода шудаанд. Бояд қайд кард, ки ҳолату меъёрҳои боби якуми Конститутсия барои дигар бобҳои он хусусияти муайянкунӣ ва таъсискунӣ доранд. Масалан, моддаи 9-и Конститутсия бо вуҷуди он, ки ҳаҷман хеле мухтасар аст, аммо дар он усули муҳимтарини ташкилу фаъолияти мақомоти давлатӣ ва асоси муайян кардани ҳадди салоҳияти онҳо муқаррар карда шудааст. Мувофиқи он ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Яъне ҳамаи ҳокимияти давлатӣ дар ҳамин се шакл ё узв амалӣ гардонида мешавад. Ҳамаи мақомоти давлатӣ ба яке аз ин се шоха тааллуқ дорад ва ҳеҷ як мақомоти давлатӣ аз он берун ва ё хилофи он ташкил ёфта ва амал карда наметавонад. Бинобар ин, дар бобҳои 3, 4, 5, 8 ва 9 Конститутсия усули дар моддаи 9 муқарраргардида бо роҳи ҷудо кардани салоҳияти ҳар яке аз узви ҳокимияти давлат ва риоя кардани усули боздорӣ ва мувозина асосан татбиқ шудаанд.

Боби дуюми конститутсия ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро ба танзим андохта, усул ва кафолати ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои онҳоро муқаррар кардааст. Дар он чандин падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муттаҳид карда шудаанд. Аз ҷумла, падидаҳои шаҳрвандӣ, баробарҳуқуқии инсон, ҳуқуқу озодӣ ва кафолати онҳо, вазифаҳои шаҳрвандон, ки мақоми инсон ва шаҳрвандро дар ҷамъият ва давлат муайян менамоянд. Давлат ба воситаи меъёрҳои конститутсия ба худ уҳдадорӣ гирифтааст, ки ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Ба низоми ҳуқуқу озодии конститутсионии шаҳрвандон ҳамеша аз рӯи он баҳо дода мешавад, ки давлат дар кадом ҳаҷм онҳоро муқаррар кардааст ва то кадом андоза татбиқи онҳоро кафолат додааст. Конститутсияи нав баробари васеъ гардонидани номгӯи ҳуқуқу озодӣ кафолати онҳоро низ нишон додааст. Дар низоми ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар соҳаи бехатарии шахсӣ ва озодии фардӣ, дахлнопазирии шахс ва кафолати ҳифзи судӣ васеъшавии номгӯи онҳо ба назар мерасад. Бобҳои 3, 4, 5, 6, 8, ва 9 Конститутсия низоми мақомоти давлатии Тоҷикистонро муқаррар карда, тартиби ташкилёбӣ ва салоҳияти онҳоро дар асоси усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба танзим даровардаанд.

Дар боби ҳафтум ҳолати ҳуқуқии ВМКБ дар ҳайати Тоҷикистон танзим шудааст. Муқаррар карда шудааст, ки вазъи ҳуқуқии ин вилоятро қонуни конститутсионӣ ба танзим мендозад.

Боби охирин ба тартиби тағйиру иловаҳои Конститутсия бахшида шудааст. Дар он тартиби нисбатан мураккаби тағйир додан ва илова даровардан ба Конститутсия пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин дар ин боб меъёр дар хусуси тағйирнопазирии шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ ва моҳияти он муқаррар карда шудааст.

Ҳамин тариқ, мазмуни Конститутсияи ҶТ соли 1994 давраи нави ташаккули давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон, моҳият ва мазмуни фаъолияти давлат, ҳолати ҳуқуқӣ-конститутсионии инсон ва шаҳрванд, вазъи ҳуқуқии ВМКБ, сохти марзию маъмурии Тоҷикистон, низом, тарзи ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти давлатии ҷумҳурӣ, ташкили мақомоти худидораи маҳаллиро инъикос мекунад. Меъёрҳои Сарқонун хислати таъсиснамоӣ, муқаррарсозӣ, муайяннамоӣ ва танзимнамоӣ дошта, мазмуни он дар сатҳи баланди ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ифода ёфтааст. Чӣ тавре қайд шуд, Сарқонуни мо дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуд ва дар он диққати асосӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дода шудааст. Аз ин рӯ, Сарқонуни ҶТ қонуни мардумӣ, инсонмеҳвар ва сарнавиштсози миллат маҳсуб меёбад.

**Саидзода Искандар Туйчӣ**
*судяи суди н.Синои ш.Душанбе*

# ҶАВОНОН: "МО БО ШУМОЕМ, ҶАНОБИ ОЛӢ"

Ифтихор аз он мекунем ки дар Тоҷикистони азизи мо сулҳу ваҳдат ҳукмрон аст. Тамоми мақомоти давлатӣ дар асоси Конститутсия амал мекунад ва ба шаҳрвандон тамоми ҳуқуқҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фаҳангӣ дода шудааст, аз он ҷумла ба мо - ҷавонон низ. Ман ҳам ҳамчун ҷавони давррони истиқлолият аз ин ҳуқуқи сиёсии худ ба озодии сухан истифда бурда, мехоҳам фикру андешаи худро озодона нисбати он ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро ояндаи миллату давлат эътироф намудааст, иброз дорам. Ин суханҳо дар дилу қалби ҷавонон як масъулияти ватандӯстиву ватанпарастӣ ҷо намуд, ки имрӯз ҷавонон манфиати давлатӣ ва ҷамъиятиро болотар аз манфиати худ мегузоранд. Имрӯзҳо ба чашми худ мебинем ва шоҳиди он ҳастем, ки роҳбари давлат барои мо - ҷавонон тамоми шароитҳоро муҳайё кардааст. Масалан, сохтмони мактабҳои замонавӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, таъмини биноҳои варзишӣ, майдонҳои варзишӣ, ки ҳамаи онҳо мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ мебошанд. Дар баробари ин дастгириҳо барои ҷавонони донишманду лаёқатманд, квотаҳои президентӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он ба давлатҳое, мисли Федератсияи Русия, ИМА, Олмон, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва дигар кишварҳо ҷудо карда шудааст. Мо - ҷавонон ин дастгириҳои роҳбари давлатро қадрдонӣ намуда, тарафдори сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошем. Мо - ҷавонон мақсад дар пеш гузоштаем, то тамоми фаъолияти хешро дар асоси қонун ба роҳ монем ва ҳамаи талаботе, ки қонунгузорӣ муайян намудааст, онҳоро бо шуури баланди ҳуқуқӣ иҷро созем. Он амалҳое дар қонуни ҷиноятӣ ва дигар қонунҳо кирдори ношоям эътироф шудаанд, аз қабили дуздӣ, авбошӣ, одамкушӣ, террористӣ ва дигар амалҳои зиштро арзандаи худ намедонем, чунки маърифати ҳуқуқии мо дар сатҳи баланд қарор дорад. Мо шабу рӯз аз пайи омӯзиши илму дониш, ихтироот ва намудҳои гуногуни варзиш машғул мебошем. Исботи ин гуфтаҳо иштироки васеи ҷавонон, махсусан ҷавондухтарон дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошад, ки аксарияти онҳо бо медал ба ватан бармегарданд. Ҳамчунин ҷавонон дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз фанҳои гуногун иштирок намуда, соҳиби ҷойҳои намоён мегарданд ва парчами Тоҷикистони азизамонро баланд мебардоранд.



Ҳамаи мо - ҷавонон дар пеши худ мақсад гузоштаем, ки ба гапҳои бадхоҳон ва душманони миллат гӯш намедиҳем. Мо - ҷавонон тарафдори сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлатамонем, ҳамеша бо ӯ ҳастем, ояндаи орзуи нек дорем, ки мисли Президенти ҷумҳуриамон дӯстдори миллати хеш бошем, дар ободонии давлати соҳибистиқлол саҳми худро гузорем. Давлатамонро имрӯз соҳибӣ кунем, то ояндаи ин миллати ҳазорсола таърих ва фарҳангдоштаро аз даст надиҳем. Зеро мо бо Тоҷикистон зиндаем, Тоҷикистон бо мо - ҷавонон ободу зебо мебошад, мо ҳамеша дӯстдори сулҳ ва ваҳдати Тоҷикистонем. Ин аст андешаи мо ҷавонон.



**Иноятулло Сайфуллоев**
*донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ*

# САРҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - ЗАМИНАИ БУНЁДИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ

"Мо бояд эҳтироми ин санади танзимгари ҳаёти ҷомеаро омӯзем, аз имкониятҳои он ҳарчи бештар истифода барем ва дар ниҳояти кор ба он муваффақ шавем, ки риояи ҳатмии он барои ҳар як шаҳрванди мамлакат ҳам фарзу ҳам суннат гардад". Эмомалӣ Раҳмон

Конститутсия аз калимаи лотинии constitution гирифта шуда, маъноаш қонун, сохтор, тартибот, муайянкунӣ мебошад. Конститутсия қонуни асосии давлат буда, қувваи олии ҳуқуқӣ дорад. Дар он сохтори давлатию ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, низоми интихобот, принсипҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ таҳкими худро меёбанд. Қариб дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон Конститутсия қонуни асосӣ маҳсуб меёбад. Вожаи Конститутсия истилоҳи ҷаҳонӣ буда, қонуни асосии ҳамаи давлатҳо чунин ном дорад. Танҳо дар баъзе давлатҳо ба ҷойи он вожаи "Қонуни асосӣ" ё дар баробари он "Сарқонун" истифода мешавад.

Аз нигоҳи арзишҳои замони имрӯз ва бо дарназардошти хусусиятҳои таърихиву анъанавӣ, милливу мазҳабӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву ҳуқуқии халқи тоҷик муқоиса кардани Конститутсияи Тоҷикистони муосир бо ягон санади таърихӣ ё қонуни асосии мамолики дигари ҷаҳон қобили қабул буда наметавонад. Зеро ҳар кишвар бо ҳамон роҳе рушд мекунад, ки дар қонуни асосиаш муқаррар шудааст ва онро халқ дар интихоботи озоду демократӣ қабул намудааст.

Халқи Тоҷикистон тибқи дебочаи Конститутсияи кишвар, худро қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон мешиносад. Бо ин халқи мо садоқатмандиашро ба арзишҳои ҳуқуқи башар изҳор намуд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волояти ҳуқуқ ва қонуни ҳуқуқӣ, таҷзияи ҳокимият, фаъолияти озоди иқтисодӣ, гуногунандешагӣ, бисёрҳизбӣ аз ҷумлаи ин арзишҳои умумиинсониянд.

Тоҷикистон тавассути эътирофи анъанаву арзишҳои эътирофнамудаи башар омодагиашро бо риояву таъмини онҳо, истифодаи таҷрибаи мусбати ҷаҳонӣ изҳор намуд. Халқи Тоҷикистон бо қабули ҳуҷҷати тақдирсоз изҳор намуд, ки бо талабу меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ зиндагӣ карда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф менамояд. Ба ин хотир, Сарқонуни нави Тоҷикистон заминаи наздикшавии тамаддунҳо, ғанигардии фарҳанги халқҳои ҷаҳон аст. Дар асоси Сарқонун таҷрибаи миллӣ ва ҷаҳонӣ, арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ ба ҳам наздику омехта мегарданд. Чунончи, Конститутсияи Тоҷикистон асноди ҳуқуқии байналхалқиро ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии кишвар эътироф намуда, ба ин васила имкони ба ҳуқуқи миллӣ ворид гаштани меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалиро пешбинӣ мекунад.

Меъёрҳои конститутсионӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи музаффариятҳои чи Конститутсия ва чи халқи Тоҷикистон аст. Конститутсия инсонро арзиши олӣ эътироф намуда, фитрӣ ва дахлнопазир будани ҳуқуқҳояшро эълон мекунад ва онҳоро маҳаки муайянсозандаи фаъолияти мақомоти давлат мешиносад.

Дар замони муосир Конститутсия сарчашмаи асосии ҳуқуқи инсон ба шумор меравад, чунки дар асоси он тамоми меъёрҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ, ки ба ҳуқуқи инсон дахл доранд, қабул карда мешаванд. Яке аз талаботи асосие, ки бояд конститутсияҳои давлатҳои муосир ба он ҷавобгӯ бошанд, ин дар онҳо мустаҳкам шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ба ҳисоб меравад. Дар ҳамаи конститутсияҳои давлатҳои ҷаҳон ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолат дода шудаанд. Масалан, аз се як ҳиссаи Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсону шаҳрванд бахшида шудааст. Ин Сарқонун дар давраи соҳибихтиёрӣ қабул карда шуда, аз чор конститутсияҳои қаблӣ (солҳои 1929, 1931, 1937, 1978), ки дар замони мухторият ва тобеияти Шӯравӣ қабул карда шуда буданд, фарқияти куллӣ дорад. Бори аввал дар таърихи конститутсионии Тоҷикистон маҳз дар Конститутсияи мазкур инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ эълон карда шуданд. Яъне, Сарқонуни нави Тоҷикистон ифодаи арзишҳои башар буда, ин хислат водор месозад, ки онро назар ба конститутсияҳои замони шӯравӣ пешқадам номем. Давлати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои фитрии инсон, таҷзияи ҳокимият, қонунияти ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ аз ҷумлаи ин арзишҳоянд. Аз ин хотир, Сарқонуни соли 1994 заминаи ба ҳам наздикшавии низоми ҳуқуқии давлатҳо буда, барои истифодаи анъанаҳои мусбати ҷаҳони мутамаддин имкониятҳои васеъ пешбинӣ мекунад.

Яке аз бартариятҳои Сарқонуни ҶТ дар он ифода меёбад, ки он тамоми ҳуқуқу озодиҳои дар ЭУҲБ пешбинигардидаро дар худ ҷой додааст. Ҳатто ҳуқуқҳоеро кафолат додаст, ки дар ЭУҲБ кафолат дода нашудаанд, ба монанди: ҳуқуқ ба мерос (м.32) ё ин ки дар моддаи мазкур ҳуқуқи шахсро ба моликият кафолат додаст, ҳол он ки ҳуқуқи мазкур дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки яке аз санадҳои асосии байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад, танзими худро наёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки халқи тоҷик дар қонунофаринӣ таҷрибаи яксолаву дусола надошта, он аз умқи таърих-мероси ниёгон, яъне Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир сарчашма мегирад. Аз ин нуқтаи назар таҷрибаи конститутсияэҷодкунии ҶТ, ки дар он тамоми арзишҳои инсонӣ ва ормонҳои мардумӣ ифодаи худро ёфтаанд, яке аз беҳтаринҳо маҳсуб меёбанд. Халқи Тоҷикистонро бахту саодати бузурге насиб шудааст, ки соҳиби чунини Конститутсия гардидаанд.

Ба туфайли Сарқонуни кишвар ҳокимияти судӣ дар давлати мо бори нахуст ба ҳайси шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардид. Кафолати судии ҳуқуқҳои инсон сатҳи конститутсиониро соҳиб гашт. Таъмини волоияти Конститутсия дар низоми санадҳои меъёрӣ, адолати судии конститутсионӣ аз ҷумлаи вазифаҳои нави ҳокимияти судианд, ки дар Сарқонуни кишвар пешбинӣ гаштаанд. Баҳри ҳифзи Конститутсия мақоми махсуси ҳокимияти судӣ - Суди конститутсионӣ ташкил шудааст, ки вазифаи он муайян кардани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, суди иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ бо меъёрҳои конститутсия мебошад.

Хусусияти чашмраси низоми таҷзияи ҳокимият дар кишвар он аст, ки байни шохаҳои ҳокимият фазои ҳамдигарфаҳмиву ҳамкорӣ фароҳам аст. Ин омил аҳамияти муҳим дорад, зеро имкони ҳама гуна ихтилофоти байни ҳокимиятҳоро аз байн мебарад. Ҳадаф аз таҷзияи ҳокимият на зиддияти оштинопазири байни шохаҳои ҳокимият, балки равобити ҳуқуқиву муташаккил баҳри таъмини инкишофи муътадили ҷомеа аст.

Дар масъалаи таъмини волоияти қонун, Президенти мамлакат қариб дар ҳар суханронии худ бевосита ба ин масъала дахл мекунад. Гуфтаҳои ӯ, ки "итоат ба қонун бояд ба одати ҳар шаҳрванд табдил ёбад", моҳияти давлати ҳуқуқиро пурра инъикос мекунад.

Солҳои сипаригашта нишон доданд, ки имкони Конститутсия дар пешрафти ҷомеа калон аст. Дар айни замон минбаъд барои он бояд кӯшид, ки амали бевоситаи Конститутсия, ягонагии фаҳмишу амали конститутсионӣ, умумияти моҳияти ҳуқуқиву воқеии Конститутсия бештар таъмин гарданд.

Конститутсияи Тоҷикистон беҳтарин арзишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар худ инъикос кардааст, аммо ин маънои онро надорад, ки бе инкишофи баланди шуури ҳуқуқиву иҷтимоӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ Конститутсия худ аз худ ҷомеаро дигар мекарда бошад. Сатҳи шуури иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ аз худшиносии иҷтимоиву маънавии шаҳрвандон вобастагии амиқ дорад. Маҳз ҳамин гуна сатҳи шуур ва худшиносӣ дар тинати мардуми тоҷик буд, ки хавфи таназзули давлат дар солҳои душвори 1992-1997 аз байн рафт. Муҳимтарин заминаи ҳуқуқӣ барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва ислоҳи вазъи иқтисод қабули Сарқонун дар марҳилаи душвору пурихтилофи баъди се соли истиқлолият буд. Маҳз ба шарофати ҷидду ҷаҳди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон навсозии тамоми соҳаҳои зиндагӣ аз ислоҳоти қонунгузорӣ дар партави Конститутсия оғоз шуд. Айни замон, вазифаи муҳимтарин ба андешаи мо, коркарду таҳияи қонунҳоест, ки ба танзими оқилонаи муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёту иҷтимоиёт дар ин марҳала вобаста бошанд.

Аз таҳлили ҳамаҷонибаи Конститутсия чунин хулоса мешавад, ки моҳияти давлатдории миллиро ҳам ба маънои миллӣ ва ҳам ба маънои умумишаҳрвандӣ дарк кардан лозим аст. Халқро соҳибихтиёр эълон кардани Сарқонун, пеш аз ҳама ба халқи тоҷик имконияти васеъ фароҳам меорад, ки маҷмӯи масъалаҳоро марбут ба бунёди давлати миллӣ ҳал кунад, зеро дар шароити муосир роҳи асосии ғарқ нашудан дар баҳри пурталотуми ҷаҳонишавӣ бунёди давлатдории миллӣ маҳсуб меёбад.



**Шаҳнозаи Абдухалил**
**котиби маҷлиси судии**
**суди н.Синои ш.Душанбе**

# ЗИНДАГИИ ОЗОД АЗ ИСТИҚЛОЛ АСТ

Имрӯз мо миллати тоҷик дар арафаи 23-юмин солгарди истиқлолияти давлати хеш қарор дорем. Истиқлолият ин бузургтарин арзиши имрӯзу фардои кишвари азизамон Тоҷикистон мебошад. Аз ин хотир, Истиқлолияти давлатӣ аз нигоҳи эътибори умум муқаддастарин ҷашни миллист. Ин ҷашнвора дар якҷоягӣ бо давлат ба вуҷуд омадааст. Давлат ва Истиқлолиятро аз якдигар наметавон ҷудо кард. Давлат бе истиқлолият ҳеҷ аст. Дар ин радиф истиқлолияти комил бе давлат имкон надорад. Истиқлолият ин падидаи давлатдорие мебошад, ки дар фазои он миллат озодона умр ба сар бурда, бо истифода аз ҳуқуқҳои худ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ҳуқуқи ширкат варзиданро дорад. Зиндагиро дар ҳар давлат бидуни Истиқлолият тасаввур кардан имконнопазир аст. Зиндагӣ ин худ озодии инсону истиқлоли ӯст.

Ҳамин тавр, озодӣ ва Истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишони барҷастаи симо ва шахсияти таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳувияти миллӣ ва шарти бақои таърихии миллат ва давлат мебошад. Истиқлолият ин худ масъулият аст. Масъулият дар назди ҷомеаи имрӯз ва насли фардо.

Боиси ифтихор аст, ки мардуми сарбаланду шарафманди тоҷик 23 сол муқаддам ниҳоли орзую ормони ҳазорсолаи гузаштагонро бо номи Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо азму иродаи қавӣ шинониданд. Аз файзу баракати истиқлолият, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ самтҳои афзалиятноку муҳимтарини сиёсати давлати соҳибистиклоламон таҳрезӣ ва муайян гардид. Дар ин замина се ҳадафи асосии стратегӣ - таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар, аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадан ва ҳифзи амнияти озуқаворении мардуми кишвар таъмин гардида, дар ин самт қадамҳои устувор гузошта шуд. Аз ин рӯ, муқаддас будани Истиқлолиятро бояд ҳар як шахси ватандӯст, бомаърифат ва соҳиби иродаи қавӣ хуб дарк намояд. Чунончи дар яке аз суханрониҳои хеш Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Рахмон ба ҷавонони кишвар чунин иброз доштанд: "Асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳанги ҷавононро ғояи таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ ташкил медиҳад. Арзишҳои умумимиллӣ ва умумидавлатии Тоҷикистони соҳибистиклол ва ҳифзи манфиатҳои кишвар бояд аз ҳама гуна манфиатҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва гурӯҳӣ боло бошад, пойдевори тарбияи ватандӯстии ҷавононро фаро гирад"

Ҳар гоҳе ки бо роҳи 23-солаи Истиқлолияти давлатӣ тай намудаи миллати тоҷик ва ватани азизамон Тоҷикистон менигарем, падидаю зуҳурот ва равандҳои дар ин давра ба амал омадаро таҳлил менамоем, хизматҳои бузурги фарзанди вафодори халқ, Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон пеши назар ҷилвагар мегардад. Маҳз саъю талошҳои пайгиронаю собитқадамонаи ӯ баҳри пойдории сулҳу ваҳдат, муттаҳидӣ, ризоияти миллӣ буд, ки ватани азизи мо дар арсаи байналхалқӣ шуҳрату шаҳомати худро пайдо кард. Кору фаъолияти шахсиятҳои бару манд, ки дар лаҳзаҳои мушкили ҳаёти ватани азизамон, дар майдони ҷангу меҳнат ҷонисориҳо кардаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Маҳз меҳнату заҳмати шабонарӯзии онҳо буд, ки мо ба чунин рӯзҳои нек расидем.

Ҳамин тавр, дар анҷоми сухан ҳаминро мехоҳам таъкид намоям, ки дар баробари соҳиб шудан ба Истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ вазифаи ҳар яки мо васеъ гардида, ба мо муяссар шуд, ки кишвари азизамон ба сӯи ҷомеаи демокративу дунявӣ қадамҳои устувор гузорад. Ҳоло ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари озод эътироф шудааст, мо шаҳрвандони он бояд мисли ангуштони як даст, фарзандони як модар амал намуда, дар бунёди Тоҷикистони навин саҳм бигузорему бо исми миллати худ ифтихор намоем. Истиқлолияти давлатӣ барои мардуми тоҷик хушбахтист. Танҳо бо роҳи ваҳдат ва меҳнати ҳалол метавонем истиқлолияти худро ҳифз кунем ва ватани азизамонро ободу зебо гардонем. Ин ҳадафҳо танҳо ба воситаи илму дониш, ақлу заковат ва меҳнатдӯстӣ муяссар мегардад.



**Манучеҳр Шарифов**
*донишҷӯи соли 5 -ум*

# ҚАҲРАМОНИ АРЗАНДА...

***Ҳар кӣ бо меҳру вафо бар халқ***
***хидмат мекунад,***
***Номи худро сархати девони***
***миллат мекунад.***

Дар ҳама давру замонҳо шахсиятҳое ба майдони таърих омадаанд, ки ифтихори миллату давлати худ гаштаанд ва дар хотираи халқи худ ҳамчун инсонҳои беназир ва нотакрор боқӣ мондаанд. Аз ҷумлаи онҳо академик Бобоҷон Ғафуров - нобиғаи оламшумул, ки мо имрӯз бо номи ӯ ифтихор дорем, мебошад.

Устод Бобоҷон Ғафуров 31 декабри соли 1909 дар деҳаи Исфисори уезди Хуҷанди вилояти Самарқанд таваллуд шудааст. Модараш-шоираи хушкалом Розияи Озод мебошад. Соли 1935 Институти умумииттифоқии комунистии журналистиро хатм намудааст. Соли 1936 ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи "Қизил Тоҷикистон" буд. Аз соли 1956 директори Институти Шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС ва ниҳоят аз 16 августи соли 1946 то 24 майи соли 1956 6-умин котиби Кумитаи марказии Ҳизби Комунистии ҶШС Тоҷикистон маҳсуб мешуд.

Соли 1974 Маккаро зиёрат кардааст. 12 июли соли 1977 халқи тоҷик фарзанди фарзонаи худро аз даст дод, аммо ёди ӯ дар хотири халқу миллати мо абадист.



Таърихшиноси барҷастаи асри 11 Абулфазли Байҳақӣ чунин мефармояд: "Нахустин сифати инсони хуб бояд он бошад, ки зоти хеш бидонист, чиз дарёфт. Ҳар касе, ки хештанро натавонист шинохт, дигар чизҳоро чӣ гуна тавонад донист". Соли 1947 Китоби устод "Таърихи мухтасари халқи тоҷик" аз чоп баромад, ки на танҳо таъриху фарҳанги Тоҷикистон, балки тамоми Осиёи Миёнаро фаро мегирифт. Навиштани ин асари таърихӣ аз он шаҳодат медод, ки устод дар ҳалли тақдири халқу миллати хеш бетараф набуда, бар ояндаи халқи хеш бо назари нек ва дили пок менигарист. Ин ягона асаре набуд, ки устод рӯйи коғаз овардааст. Асари безаволи "Тоҷикон"-и устод намунаи таърихи бою рангин доштани тоҷиконро исбот мекунад ва имрӯз китоби рӯйимизии ҳар як тоҷики илмдӯсту ватанпарвар гаштааст.

Шиори Бобоҷон Ғафуров дар зиндагӣ чунин буд: "Пеш аз бозӣ бозигоҳро тарк набояд кард". Аз рӯйи шунидаҳоям устод шахси хоксор ва некирода будаанд. Албатта чунин инсонҳо ба қуллаҳои баланди инсонӣ мерасанд ва номашон дар таърих бо хатти заррин аккосӣ мегардад. Устод ба ғайр аз фаъолияти роҳбарӣ дар пешравии илми ҷумҳурӣ аз ҷумла таъриху адабиёт нақши бузург гузоштааст. Ҳамчунин, бояд тазаккур дод, ки дар инкишофи мактабу маорифи он давра бетараф набудааст. Бобоҷон Ғафуров дар солҳои сарвари ҳукумат буданаш ба масъалаи аз байн бурдани бесаводӣ диққати махсус медод. Аз рӯйи нишондодҳои таърих дар соли 1940 дар мактабҳои маҳви бесаводӣ, ки дар баробари мактабҳои дигар амал мекарданд, 49,7 ҳазор , соли 1949 - 9,1 ҳазор, соли 1950 - 4,1 ҳазор нафар аҳолӣ таҳсил мекарданд.

Бо ҳар нафаре, ки дар бораи устод суҳбат ороем, аввалин шуда "Тоҷикон"-ро ёдрас мешавад. Ин ҳам беҳуда нест, ки дар ин асар таърихи халқи тоҷикро давра ба давра ба рӯйи қоғаз овардааст, аввалинн давлатҳои мо, таърихи пайдоиши хат, хусусан аз куҷо пайдо шудани вожаи "тоҷик" ва дигар масъалаҳои таърихиро дарк намудааст.

Ӯ шахсияти нотакрор буд. Бе муболиға чунин ашхосро қадр бояд кард ва хотираашонро дар ёдҳо пос бояд дошт.

Аз файласуфи бузурги Юнон Суқрот пурсиданд, ки "Бо кадом кас унс гирифтан лоиқтар аст?". Дар ҷавоб чунин посух додааст: "Бо одами оқилу дурандеш ва некрой". Дӯстону рафиқони устод Бобоҷон Ғафуров худро хушбахттарин ашхос меҳисобиданд, зеро бо чунин як инсони дурандеш дӯст буданд ва бо ӯ ҳамсуҳбат мешуданд. Чунин шахсони наҷиб ангуштшуморанд, пас онҳоро мо бояд фаромӯш насозем. Хизматҳои устод Бобоҷон Ғафуровро ба инобат гирифта, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба устод соли 1997 Унвони Олии Қаҳрамони Тоҷикистон доданд. Ин шаҳодати он аст, ки:

***Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,***
***Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.***

**Каримова ПАРВОНА**
*донишҷӯи соли сеюм*

# ХУДКУШӢ - ПРОБЛЕМАИ ДОҒИ РӮЗ

## ё чӣ гуна ин амали нангинро пешгирӣ бояд кард?

Дар ҷомеаи имрӯза як қатор масъалаҳои доғи рӯз арзи ҳастӣ доранд, ки ҳалталаб ва гуногунҷабҳа мебошанд. Яке аз онҳо ин худкушӣ, ба иқтибос суитсид ба ҳисоб меравад, ки ҳатто бо шунидани ин алфоз, инсон худро ноҳинҷор ҳис мекунад. Дар баробари дигар зуҳуроти манфӣ даст ба худкушӣ задани одамон солҳои охир дар тамоми ҷаҳон доман паҳн кардааст. Ба андешаи коршиносон теъдоди одамони ба худкушӣ дастзада то соли 2020 ба якуним миллион нафар мерасад, ки дар олам ҳар 20 сония як нафар худкушӣ мекунад, ҳар 2 сония як нафаре дар фикри даст задан ба худкушӣ аст.

Ба ақидаи табибон ин бемори ба ҳисоб меравад. Дар забони русӣ ин бемориро "эндогенная депрессия" мегӯянд, яъне як фикр дар бораи як чиз доимо дар сар такроран чарх зада меистад. Бадбахтона, дар мамлакати мо низ ин масъала ҷой дорад. Коршиносону ҳомиёни ҳуқук ба он ақидаанд, ки нишондиҳандаи содирнамоии ин амал ба маротиб афзоиш дорад, ҳатто дар байни ноболиғон низ ба назар мерасад. Як чизро бояд қайд намуд, ки шахсони вафоткарда ё ҳалокгардида на ҳамаашон мавриди тадқиқоти тиббӣ ё экспертиза қарор мегиранд. Бисёре аз мавридҳо хешу табори шахси вафотёфта ба ин иҷозат намедиҳанд. Аз ҳамин сабаб шумораи ба хукӯшӣ дастзадагон ва сабабҳо муаммои сарбастае мемонаду бас.

Аслан худкушӣ дар ҳама мамолики ҷаҳон ҳазорсолаҳо инҷониб арзи ҳастӣ дошт ва он ба давлату ҷамъият оқибатҳои нохуш меовард. Аз ҳамин сабаб, пеши чунин кори носавоброгирифтан шарт ва зарур аст. Зикр кардан ба маврид аст, ки давлати Скандинавия аз ҷиҳати худкушӣ дар олам ҷойи аввалро ишғол менамояд. Дар ин ҷо ду намуди худкушӣ маълум аст: аз баландии иморатҳои бисёрқабата худро партофтан ва ба тариқи заҳролудшавӣ аз газҳои марговари воситаҳои нақлиёт.



Ҳамаи амалҳо дар ҷамъият сабаб, мақсад ва баҳонаи худро дорад, ҳеч кас худ ба худ аз ҷони ширини худ халос шудан намехоҳад. Сабабҳои худкушӣ ба ҳама маълуманд: вазъи ноҷури зиндагӣ, каммаърифатӣ, бехабарию беаҳмиятӣ аз ҳуқуқҳои худ, нашъамандӣ, аз рафторҳои ношоиста ва суханони қабеҳ аз ҳаёт, зиндагӣ дилхунук шуда, даст ба худкушӣ мезананд ё дигар сабабҳо, ба монанди рашк ба шавҳар ё ба зан, бефарзандӣ, муносибати сабукфикрона нисбат ба бахти духтар ва ниҳоят мавҷудияти нишонаҳои касалиҳои рӯҳӣ ва асабӣ.

Равоншиносон бар он ақидаанд, ки ҳамаи амалҳои худкушӣ сабабҳои ба ҳамдигар марбути бешуурона доранд: қасос, нафрат, афсурдагӣ, ноилоҷӣ ва ҳисси гунаҳкорӣ. Тарафи дигари масъала ҳолати ба худкушӣ расонидан мебошад, ки барои он моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Точикистон ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намудааст.

Динҳои гуногуни ҷаҳонӣ, хусусан дини мубини Ислом худкуширо гуноҳи азим мешуморад. Ислом аз динҳои ҷаҳониест, ки ҳамеша ва дар ҳама ҳолат одамонро ба сабру таҳаммул даъват менамояд, барои ҳамин худкуширо зишттарин амал ҳисобида, ҳатто ҷаноза намудани марҳумро манъ кардааст.

Албатта зистан барои ҳама осон нест. Зиндагӣ пастию баландиҳо дорад. Аз он пуртоқатона, ҷасурона, мардона, наҳаросида гузар кардан лозим аст. Инсон мавҷудоти аҷиб аст, гоҳе худро гум мекунад, пас ба худ меояд ва афсӯс мехурад. Махсусан дар ҳаёти оилавӣ, ҷавон ё духтаре, ки ҳанӯз гармию сардӣ ва талхию ширинии ҳаётро начашидааст, ба мушкилиҳои зиндагӣ тоб наоварда, оиларо саришта карда натаврниста, бо сабабҳои гуногун, аз руйи дарду алам Худо накунад, ки аз зиндагӣ дилхунук гардад.

Ин амал бештар миёни занон ба назар мерасад. Чунки дар бисёри оилаҳо, махсусан дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ ҳангоми рӯ ба рӯ шудан ба хушунати оилавӣ ва тоб наовардан ба он занон аз сабаби надонистани ҳуқуқҳои худ ба ин амал даст мезананд. Гӯё ин амали нохуб эътироз аз ҷафокорист. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои боз ҳам баланд бардоштани макоми зан дар ҷомеа ва пешгирии чунин амалҳо тадбирҳои мушаххас меандешад. Далели ин гуфтаҳо кабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" ба ҳисоб меравад. Инчунин бояд таъкид сохт, ки соли 2004 аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистон фармоне барои андешидани тадбир барои ҷилавгирӣ аз афзоиши мавриди худкушӣ дар мамлакат ба тавсиб расид.

Танҳо бо кабули ин санадҳо мо наметавонем пеши роҳи ин ё он амалро гирем. Бояд амал кард! Бо равоншиносон хамкорӣ бояд намуд. Барои баъзеҳо шояд хандаовар бошад, лекин кафолати солимӣ дар дасти ҳар як шахс аст. Ҳангоми аз ҷиҳати равонӣ каме худро ноҷур ҳис кардан ба равоншинос муроҷиат намудан хуб аст.

Мақсади навиштани ин мақола ва ҷустуҷӯи маълумот танҳо барои он нест, ки мо дар ин бора гуфта гузарем ва фаромуш созем, балки роҳҳои пешгирии ин ҳодисаи ташвишовари рӯзгорро муайян намуда, қонунгузории ҷумҳуриамонро дар ин ҷода риоя ва иҷро намоем.

Якчанд роҳҳои пешгирисозандаи худкуширо коршиносон муайян намудаанд.

1) муайян намудани оилаҳои носолим, шахсони яккаву танҳо;

2) ба кори доимӣ ҷалб намудани ҷавонон, ҷалби онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ ва пешгири намудани аъзошавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайрирасмӣ;

3) пешгирии муроҷиат ба фолбину бахшишҳо;

4) корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби ҳуқуқшиносон;

5) андешидани чораҳо бахри пешгирӣ намудани нашъамандӣ, мубориза алайҳи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор;

6) ҷалби бештари равоншиносон;

Дар охир гуфтанӣ ҳастам, ки бояд зист! Ҳеҷ ғами миёншикан ва дандоншикан кирои аз биҳишти накд маҳрум шудан нест. Ба шахсоне, ки дар фикрашон даст задан ба ин амали нангин ҷой дорад ё ба чунин амал даст мезананд фаҳмонидан зурур аст, ки худкушӣ роҳи халосӣ нест!!!



**Шаҳноза СОДИҚОВА**
*донишҷӯйи соли сеюм*

## МОДАРНОМА

Модари ҷон қиблагоҳи ман туӣ,
Модари ҷон сарпаноҳи ман туӣ.
Модари ҷон нури чашмонам туӣ,
Модари ҷон қуввати ҷонам туӣ.

Вақте ки калимаи модарро ба забон мегирӣ дил аз қафаси танг мебарояду чашмон равшан мешаванд,чунки модар бузургтарин шахс дар ҳаёти ҳар як инсон аст Ин тухфае меошад аз ҷониби Худованд баҳри зебогии ҳаёт ва ин туҳфа як бор муяссар мешавад, баҳри ҳар як инсон. Ҳастии зан модар ин хушбахтии ҳар як оила аст. Модар дар ҳар як хонадон ба мисли сарпуш аст. Косае, ки дарунаш пур аз об асту аз гармии зиёд об аз коса фаввора зада мебарояд оила низ мисли ҳамин аст. Ҳангоми набудани модар ба ҷуш меояду ба парокандашавӣ рӯй меорад. Ҳар яки мо бояд донем, ки дар тули ҳаёт дар ҷои аввал ин модар аст ва модар равшании хонадонии ҳар яки мост.

Модарам эй модари ғампарварам,
Ҳастӣ ту дар осмон чун ахтарам.
3-офтоб аст равшании ин ҷаҳон,
Равшании хонадонам модарам

* * *

Идат муборак модарам,
Ҷон модари ғампарварам.
Ёди туро ман ҳар замон,
Пеши назар меоварам.
Орзуи ман эй модарам,
Бошӣ ту болои сарам.
Гӯям ба ту дар ҳар замон,
Эй модари ҷон модарам.
Ёди ту ҳар лаҳза маро,
Бар сӯи Фархор мебарад,
Оғӯши гарми модарит,
Бар деҳи Баҳор мебарад.
Ҷон модарам, ҷон модарам,
Ҷон модари ғампарварам.

**Абдураҳимов Ромизҷон**
донишҷӯи курси 2

Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир Саъдизода
jahon_1967@mail.ru
Тарроҳ:
Ҳамидулло Азизов

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Насурдинов Э. С. дотсент, декани факултети ҳуқукшиносӣ;
Сафаров Б.А. дотсент, муовини ректор оид ба илм;
Қурбонов Қ.Б. муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Саид Нуриддин Саид вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
Давлатов Ҷ. М. ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т. профессор, академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А. профессор, академики АИ ҶТ, раиси Суди Конститутсионии ҶТ;
Раҳимов М.З. директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор
Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст. Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-56- 07- 07. Теъдод: 1000